# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «08» 10 соли 2024 №373/09 ш. Душанбе

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсия*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270) ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Диссертатсияи Асламзода Некруз дар мавзуи «Бехатарӣ ҳамчун омили рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02- Ниҳодҳо, равандҳо ва технологиҳои сиёсӣ аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА – 001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бекор карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Асламзода Н. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Ваизода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Асламзода Н.

Раис КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ Давлатзода С.Х.